# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент, А. Н. Шарипов ба диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ).-Душанбе, 2024.-173 с.**

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси 6D020302-Таърихи умумӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсияи доктор (PhD)-и Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» таҳқиқоти диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктор (PhD)-и довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд. Диссертант дар заминаи таҳқиқоти фарогир масоили вазъияти сиёсӣ низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистонро дар солҳои 1992-2001 дар шакли муназзам ва дар доираи методологияи ягонаи диалектики ва герменевтикӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор додааст. Муҳаққиқ кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои мазкурро бо истифода аз сарчашмаҳо, адабиётҳои камомӯхташуда ва наомӯхташуда мавриди таҳлили амики илмӣ қарор диҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва инъикоси вазъи низомию сиёсӣ ва мушаххас намудани мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва паёмадҳои он барои минтақа мебошад.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот** вазъияти низомӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992–2001, ихтилофи байни гурӯҳҳои исломгаро ва бархӯрдҳои мусаллаҳона байни онҳо ва мушкилоти давлатсозӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертасионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ бо истифода аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмии олимони ватанию хориҷӣ кӯшиш карда шудааст, то масъалаи вазъияти низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистонро дар солҳои 1992–2001 мавриди омӯзиш қарор дода, ба қудрат расидани мухолифони исломӣ ва мушкилоти асосӣ миёни муҷоҳиддин, инчунин ба қудрат расидани «Толибон»-ро таҳқиқ намояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он собит мешаванд, ки дар омӯзиши мавзуъ ва таҳқиқу таълифи диссертатсия назарияҳои таърихнигорони ватанию хориҷӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, истифодаи зиёди сарчашмаҳо ва истифодаи осори илмии муҳаққиқони самти мавзуъ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои ҳар боб дар асоси омӯзишу таҳлили илмии сарчашмаву осори илмии муҳаққиқон нишон дода шудааст.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он** аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ кардааст. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои заруриро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён намудааст, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи мустақими унвонҷӯй ба ҳисоб рафта,

андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти** диссертатсионии Абдусаматов Б.Б. дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳқиқот раванди давлатсозӣ дар Афғонистон ва мушкилиҳои ҷойдоштаи марҳилаи давлатсозӣ муайян гардидааст. Аз ин рӯ омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмӣ дорад, балки маводди диссертатсияро метавон дар раванди рушди тафаккури миллии насли навраси Афғонистон ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

**Сохтори диссертатсия** муқаддима, аз се боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он таъкид мешавад, инчунин манобеъ, навгонии илмии таҳқиқот ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва паёмадҳои он»** номгузорӣ гардида аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали он **«Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло»** омлҳои дохилӣ ва хориҷии он таҳлил гардида аст. Дар ин самт муаллиф ба осори олимони хориҷиву дохилӣ, аз қабили Ч. Паҳлавон, М.А. Андешманд, Ҳ.Назаров, Қ.Искандаров, Ҷ. Алимӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Зербоби дувуми боби якум **«Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА)»** унвон дорад. Дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқон ва равандҳои сиёсие, ки дар Афғонистон сурат мегирифтанд, муаллиф қайд мекунад, ки дар паси тамоми бозиҳои сиёсӣ, махсусан ҷонибдорӣ аз гурӯҳҳои мухолиф

ва ҳадафи ташкили давлати исломӣ Покистон қарор дошт. Зимни таҳлил муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки маҳз Покистон гурӯҳҳои ҷиҳодии ҳафтгонаро таҳти фишор қарор дод, то ба ташкили давлате бипардозанд, ки дар он Кобул низ саҳм дошта бошад.

Боби дуюми диссертатсия «**Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ»** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби нахуст **«Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ: сабабҳо ва паёмадҳои он»** муаллиф нишон додааст, ки то охири муҳлати ҳукумати Б. Раббонӣ Афғонистон мувофиқи принсипи «танзимӣ» («гурӯҳҳои ҳарбӣ-сиёсӣ») идора мешуд, ки ҳар кадом мустақил буданд. Кишвар ба минтақаҳои нуфузи гурӯҳҳои алоҳидаи ҳарбӣ-сиёсӣ (танзимҳо) тақсим карда шуд. Ҳар яки онҳо дар ҳудуди худ дастаҳои мусаллаҳ ва дигар нишонаҳои қудрати сиёсӣ доштанд. Ин дар замоне буд, ки дар ҳукумат намояндагони қариб ҳамаи ҳизбҳо, ҳаракатҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои пароканда шомил буданд. Ҳамзамон дар зербоб омилҳое таҳлил гардидааст, ки ба ташкили давлати мутамарказ халал мерасониданд.

Зербоби дувуми боби дувум **«Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ»** ном дорад. Дар ин зербоб муаллиф ба омӯзиши раванди таҳаввулоти сиёсии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX дар Афғонистон ишора намуда, вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистонро мариди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон»** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал **«Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»** муаллиф зикр кардааст, ки тавлиди ҷараёни нави радикалии афғонӣ шаҳодати он аст, ки ба сари ҳокимият омадани ҳаракати «Толибон» омилҳои зиёди дохилӣ ва хориҷии худро дошт. Аввалан, дар ин раванд

омили этникӣ-динӣ бартарӣ дошт. Ба омили дохилӣ ноамнии давлат, зулму ситам, нодории мардум дохил мешавад, ки давлат натавонист пеши роҳи беадолатию қатлу ғоратро бигирад. Омили хориҷӣ дахолати давлатҳои манфиатдор аст, ки мехостанд тавассути намояндагони худ дар Афғонистон ҳукмронӣ намоянд, вале ба ҳадафи худ нарасида буданд. Ин омилҳо аз ҷониби диссертант бо дидгоҳи нав таҳлил кардааст.

Зербоби дувуми боби сеюм **«Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»** номгузорӣ гардида, омӯзиш ва баррасии раванди ташаккули ҳаракати «Толибон» ва фаъолияти минбаъдаи он то ба ҳукумат расидани онҳо аз ҷониби диссертант мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Зербоби сеюми боби сеюм **«Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ»** унвон дорад. Муаллиф зикр намудааст, ки «Толибон» бо тарзу усулҳои асримиёнагӣ идораи давлатро ба роҳ монда, зулму истибдод мекарданд. Ин ваҳшонияти онҳо характери намоишкорӣ дошта, аҳли ҷомеаро ба даҳшат оварданд. Дар ин замина ҷомеаи байналмилалӣ, махсусан ИМА ба мубориза алайҳи онҳо оғоз намуд, ки аз ҷониби диссертант таҳлил ва таҳқиқ гардидааст.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи ироа шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар таърихнигории умумӣ бори нахуст шуда, оид ба мавзуи мазкур дар шакли том таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати дарки масъала ва таҳқиқи минбаъдаи он аҳамияти калон доранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои

таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Абдусаматов Б.Б. дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зерини зудислоҳшаванда ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд ҳамаи бобҳои диссертатсяи илмӣ бо зербобҳо баробар тақсим мешуданд, чунки бобҳои якум ва дуюм аз ду зербоб ва боби сеюм аз се зербоб иборат мебошад.
2. Дар зербоби якуми боби якум дар мавриди саҳми донишмандони минтақа дар омӯзиши вазъияти сиёсиву низомии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 доираи хронологӣ чандон риоя нагардидааст.
3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашудаидиссертатсия баъзан нишон надодани номи муаллифон ба назар мерасанд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмун ва мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Абдусаматов Б.Б. дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
дотсент, мудири кафедраи
муносибатҳои байналхалқӣ Шарипов А.Н.

«**Тасдиқ мекунам**»:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

26.12.24

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон (хиёбони Рудакӣ 17)
тел: 372217711